## ТАҚРИЗ

**ба автореферати диссертатсияи Обидов Рустам Ҳошимович дар мавзӯи «Бойгонии минтақавии Ҳисор ҳамчун сарчашмаи муҳими омӯзиши таърихи навтарини Тоҷикистон» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои таърих аз рӯйи ихтисоси 07. 00. 09–Таърихнигорӣ, маъхазшиносӣ ва методҳои таҳқиқоти таърихӣ.**

Интихоби мавзӯи «Бойгонии минтақавии Ҳисор ҳамчун сарчашмаи муҳими омӯзиши таърихи навтарини Тоҷикистон» аз лиҳози таҳқиқоти илмӣ хеле муҳим ва мубрам ба шумор меравад, ки бо гузашти айём дастоварду комёбӣ, камбудию норасоиҳои дар ҳар давру замон ҷойдоштаи ҷомеа ба саҳифаҳои таърих маҳз тавассути бойгониҳо ворид мегарданд. Агар даврони бостон ва асри миёнаро тавассути маводҳои таърихию бостоншиносӣ баҳо диҳанд, пас давраи навтаринро аз ҳуҷҷатҳои маҳфузмондаи бойгониҳо меомӯзанд.

Мақсади асосии таҳқиқоти диссертатсионӣ омӯзиши маҷмӯии таърихи навтарини Тоҷикистон дар асоси ҳуҷҷатҳои бойгонии минтақавии Ҳисор ва муайянсозии роҳҳои ташаккули Филиали бойгонии марказии ҷумҳурӣ дар шаҳри Ҳисор - ҳамчун қисми таркибии Бойгонии миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон маҳсуб меёбад.

Рисолаи мазкур дар ҳаҷми 176 саҳифаи матни компютерӣ таълиф гардида, аз муқаддима, ду боб, ҳашт зербоб, хулоса, тавсияҳо, феҳристи манбаъҳо, адабиёти истифодашуда ва замимаҳо таркиб ёфта, дар доираи талаботҳои муқарраргардида таҳия шудааст. Дар қисмати мубрамияти мавзӯи таҳқиқот муаллиф тавонистааст, ки бо далелҳои муътамад мавзӯи омӯхташавандаро илман асоснок намояд.

Навгонии илмии таҳқиқот дар он аст, ки бори аввал дар таърихнигории ватанӣ мавзӯи диссертатсия ҳамчун объекти маҷмӯии таҳқиқоти илмӣ ба таври алоҳида қарор гирифтааст. Дар диссертатсия бори нахуст ҳуҷҷатҳои хазинаҳои БМДТ ва хазинаҳои ФБДМТ дар ш. Ҳисор ба доираҳои таҳқиқоти илмӣ ворид гардидаанд.

Вазифаҳои дар таҳқиқот муайяншуда ва нуктаҳои барои ҳимоя пешниҳодшуда пурра ба мақсад мувофиқат намуда, арзиши илмии корро баланд

мекунанд. Ин далелро асоснокkунии натиҷаҳои таҳқиқот, истифодабарии методҳои таҳлили мантиқӣ, таърихӣ, системавӣ ва муқоисавӣ зимни таҳқиқи паҳлуҳои мухталифи масъалаи мазкур тасдиқ менамоянд. Новобаста аз дастовардхо, бозёфту аслияти далелҳои илмӣ, кори диссетратсионии Обидов Рустам Ҳошимович аз камбудиҳои имлоиву техникӣ орӣ нест, ки онҳоро маслиҳатҳои тавсиявӣ номидан мумкин аст. Бояд кайд кард, ки камбудиҳои ошкоршуда ба мазмуну муҳтаво ва аслияти волои кори диссертатсионӣ таъсир намерасонанд ва арзиши илмии онро паст намекунанд. Кори диссертатсионӣ пурра анҷомёфта ҳисобида шуда, мақолаҳои нашрнамудаи муаллиф ба мазмуни рисола мувофиқат мекунанд.

Хулоса, рисолаи номзадӣ дар мавзӯи «Бойгонии минтақавии Ҳисор ҳамчун сарчашмаи муҳими омӯзиши таърихи навтарини Тоҷикистон» ба талаботи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгӯ буда, муаллифи он - Обидов Рустам Ҳошимович сазовор барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои таърих аз рӯйи ихтисоси 07. 00. 09 – Таърихнигорӣ, маъхазшиносӣ ва методҳои таҳқиқоти таърихӣ мебошад.

Декани факултети таърих ва ҳуқуқи
Донишгоҳи давлатии Хоруғ ба номи
М. Назаршоев, номзади илмҳои
таърих, дотсент Мамадсалимов Насим Абдулазизович

Адрес: 736 000, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
ВМКБ, ш.Хоруғ, к.Ш.Шоҳтемур 109,
тел:2-22-48, e-mail: ksu.khorog.mail.ru

Имзои Мамадсалимов Насим
Абдулазизовичро тасдиқ мекунам:
Сардори раёсати кадрҳо ва корҳои махсуси Донишгоҳи
давлатии Хоруғ ба номи М.Назаршоев Саидраҳмонов Н.С.

«_03_» ____01____ 2023с.